# ҚАРОРИ
# Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 18. 02.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи **“Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода**, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – **Хоҷазод Саидмурод**, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” – **Муъминҷонов Зулфиддин**, муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон Д. Хоҷаев, М. Муродов, А. Азимов, С. Сулаймонов, Ҷ. Саъдуллоев ва Ҳ. Раҷабоврo шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Бозорзода Нуриддин Шодипур

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)” аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Бозорзода Нуриддин Шодипур дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Бозорзода Нуриддин Шодипур дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ. Ҷ.